# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ» (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна ба яке аз мавзӯъҳои мубрами замони муосир бахшида шудааст. Мавзӯи баҳси онро тарз ва усулҳои инъикоси масъалаҳои марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон», нақш ва мавқеи ин нашрияҳо дар ташаккули имиҷи муҳоҷирони тоҷик ташкил медиҳад.

Ҳарчанд дар контексти илми тоҷик муҳоҷират мавзӯи нав нест, аммо аз нигоҳи публитсистикашиносӣ ин мавзӯъ бори аввал дар шакли диссертатсия ба омӯзиши илмӣ кашида шудааст.

Диссертант дар тӯли 5 сол ба омӯзиши ин мавзӯъ машғул шуда, моҳияти илмӣ ва пажӯҳишии онро ба қадри кофӣ дарк кард, барои таҳқиқи он маводи фаровони илмиву амалиро ба даст овард, онҳоро коркард карда, ба низом даровард, вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба таври мусбат ҳал намуд ва ба мақсад ноил гардид. Аз ҷумла: ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатиро вобаста ба талаботи журналистӣ баррасӣ кард; маводи марбут ба муҳоҷирати меҳнатии нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон»-ро ба таҳлилу тасниф кашид, вижагиҳои умумӣ ва фарқи ин нашрияҳоро дар инъикоси мавзӯи таҳқиқ нишон дод; дар заминаи матолиби ин нашрияҳо вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатиро арзёбӣ намуда, чораёнҳо ва тамоюлҳои шаклгирии имиҷи «муҳоҷири меҳнатӣ»-ро мушаххас кард; хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии матолиби таҳқиқшударо бо баррасиҳои мушаххас муайян намуд.

Ҳосили пажӯҳишҳои диссертант дар шакли муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба низом даровардa шудааст.

Дар муқаддима мубрамияти интихоби мавзӯъ асоснок, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалии кор муайян ва омилҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда тавсиф гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Баъзе ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ» унвон дошта, омилҳои иҷтимоии пайдоиши муҳоҷират ва ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими онро фаро гирифтааст. Дар ин боб муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти илмиву дастурӣ ва асноди ҳуқуқиву меъёрӣ кӯшиш намуд, ки маводи алоқаманд ба таърихи муҳоҷират ва паҳлуҳои ҳуқуқии онро ба таври муқоиса баррасӣ намояд.

Ӯ бо баррасии ин ҷиҳати мавзӯъ муайян намуд, ки муҳоҷират барои мардуми тоҷик решаи таърихӣ дошта, омилҳои асосӣ ва таконбахши он мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, этникӣ, экологӣ ва фарҳангӣ будааст. Муҳоҷирати тоҷикон дар замони муосир аз солҳои 1993-1994 оғоз ёфта, омили таконбахши он ҷанги шаҳрвандӣ, амнияти хонаводагӣ, таназззули иқтисодиёт, вазъи демографӣ, бекорӣ ва амсоли ин мебошад.

Боби дуюми диссертатсия – «Проблемаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» хусусияти таҳқиқи мундариҷавиро касб намуда, дар он доманаи мавзӯот ва сатҳу дараҷаи инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, амсоли контексти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии муҳоҷират, масъалаҳои касбияти муҳоҷирати меҳнатӣ, дараҷаи мутобиқшавии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба низоми ҳуқуқии кишварҳои корфармо, беҳимоятии муҳоҷирони меҳнатӣ ва омилҳои таъсиргузори ин раванд, сиҳатии муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба генофонди миллат, суду зиёни ин раванд ба дурнамои иқтисодиёти Тоҷикистон, таъсири зиёнбори иҷтимоӣ ва ахлоқии ин ҷараён ба иқтисодиёт ва фарҳанги миллат, заминаҳои воқеии пешгирии муҳоҷирати меҳнатӣ, чораҳои деградатсияи сарвати инсонӣ, нақши муҳоҷирони меҳнатӣ дар ободонии деҳоти Тоҷикистон, сафарбаркунии маблағҳои захиравии мардикорон барои ҳалли мушкилоти иҷтимоии маҳаллӣ таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия «Тарз ва василаҳои инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ» масъалаҳои чигунагии таҳияи маводи публитсистӣ, интихоби жанрҳо ва касбияти истифодаи онҳо дар инъикос ва таҳияи воқеиятҳои ҷараёни муҳоҷират ва вазъи иҷтимоиву ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла унвонҷӯ дар рафти таҳлили истифодаи аносири жанрӣ дар матолиби нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон» муайян намуд, ки ин нашрияҳо дар ин самт бештар аз имконоти жанрҳои ахбории хабару мусоҳиба ва таҳлилии мухбирнома, мақола, табсира ва нигориш истифода намудаанд. Истифодаи аносири жанрҳои публитсистӣ, интихобу корбасти дурусти онҳо ба муассир ва ҷолиб гардидани матолиби мавриди таҳқиқ таъсири мусбат расонидааст.

Хулосаи диссертатсия муҳтавои умумии натиҷаҳои пажӯҳишро фаро гирифта, ба мундариҷаи кор пурра мувофиқат мекунад.

Истифодаи адабиёти зиёди илмӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, манбаъҳои фаровон, матолиби нашрияҳои даврии гуногун ҷараёни таҳқиқи мавзӯъро пурғановат намуда, понорамаи пажӯҳишро вусъат бахшидааст.

Унвонҷӯ Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар давоми солҳои унвонҷӯйӣ масъулияти пажӯҳишгариро ҳис карда, омӯзиш ва пажӯҳиши

мавзӯъро ба дӯш гирифт, ба қадри имкон ва тавон супоришҳои илмиро иҷро намуд, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмӣ суханронӣ намуда, мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ ба нашр расонд.

Таҳқиқоти Сайфиддинова Г. А., ки бо маводи зиёди назариву амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст, кори мустақил буда, ба талаботи пажӯҳиши илмии диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Автореферат ва маводҳои доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи ӯ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Бо назардошти сифатҳои шахсии муаллиф, қобилияту маҳорат ва омодагии ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқотии мустақил ҳисоб мекунам, ки пажӯҳиши диссертатсионии Сайфиддинова Гулчеҳра Азимовна дар мавзӯи «Инъикоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар матбуоти даврӣ» (дар заминаи маводи нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Озодагон») кори илмии анҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи
матбуоти ДМТ Муродов М. Б.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 934251532
E-mail: murodi@mail.ru

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.